**Такризи**

**мукарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Ёров Акмал Боронович дар мавзуи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст.**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ**

Мубрамият ва зарурияти таҳқиқоти мазкур аз таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, ки дар он технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ нақши муҳим доранд ва ба фазои таҳсилотии ҷомеаи муосир таъсиргузор мебошанд, бармеояд. Дар ибтидои асри XXI он таваҷҷуҳи тамоми табақаҳои иҷтимоӣ ва синнусолии ҷомеа, аз ҷумла кӯдакону наврасонро ба худ ҷалб намуда ба як сарчашмаҳои омӯзиш мубаддал гаштааст. Дар ин ҷода муассисаҳои таълимии томактабӣ, ки зинаи аввали низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, дар канор намондааст.

Чунин фарогирӣ аз он бармеояд, ки худи кӯдакони синни гуногун чун шахсияти арзандаи ҷомеаи муосир майлу рағбат, шавқу ҳавас ба истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ (ТИИ) зоҳир намуда кӯшиш менамоянд аз намудҳои гуногуни он: телефонҳои мобилӣ, планшет, компютер, сомонаҳои иҷтимоӣ истифода бурда ба ҷаҳони пуртаззоди иттилоотӣ-маърифатӣ аз кӯдакӣ ворид гардида аз онҳо баҳрабардорӣ намоянд, ба фарҳангу маълумот, тасаввуроту фаҳмиши худро аз онҳо бою ғанӣ гардонанд.

Таҳқиқу баррасии арзишмандӣ, мушкилоту дастовардҳои истифодаи ТИИ дар таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ, ки давраи муҳим дар шаклгирии ҳар як шахсият аст, муҳим ва саривақтӣ мебошад. Ин муассисаҳои таълимии томактабӣ дар сиёсати давлатии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳамчун соҳаи махсуси ташаккулдиҳандаи шахсияти кӯдакон мавқеи хосаро ишғол мекунад. Ба масъалаи рушд ва такмилёбии фаъолияти таълиму

тарбиявии муассисаҳои таълимии томактабӣ дар стратегияи пешрафти маорифи кишвар диққати махсус дода шудааст. Аз ин рӯ таҳқиқу баррасии илмию амалии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ саривақтӣ ва муҳим буда он имконият медиҳад кормандони ин муассисаҳо мунтазам донишу маҳорати касбию техникии худро такмил дода беҳтар шудани сифати кори таълиму тарбиявиро таъмин гардонанд. Таҷрибаи кишварҳои тараққикарда тасдиқ менамоянд, ки истифода аз ТИИ ҳамчун технологияи инноватсионӣ дар раванди пешбурди таълим, таҳияи ҳуҷҷатгузорӣ ва таъмини бехатарии муассиса васеъ истифода бурда мешавад.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон низ вақти он расидааст, ки истифодаи ҳамгирои методҳои анъанавӣ бо технологияҳои навини иттилоотӣ-иртиботӣ дараҷаи азхуднамоии маводи таълимиро дар муассисаҳои томактабӣ бояд ба сатҳи нав бардоранд ва барои ҳамкорӣ бо ҳамкасбон, баланд бардоштани донишу маҳорати касбии мутахассисон мусоидат намояд.

Рисолаи унвонҷӯй Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи "Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)" ба таҳқиқи арзишмандии истифодаи ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ бахшида шудааст. Мақсад ва вазифаҳои истифодаи ТИИ дар зерхати заминаҳои педагогӣ-психологии таъсиррасонии мақсадноки мураббия ба раванди кори таълиму тарбиявӣ, баланд бардоштани сатҳи донишҳои касбӣ, таъмин намудани ҳамкорӣ бо волидони кӯдакон амалӣ гардонида шудаанд.

Ба муҳимият ва зарурияти ворид намудани ТИИ ба фаъолияти таълиму тарбиявӣ, идоракунии муассисаҳои таҳсилотӣ, мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати донишҳои умумитехникии кормандон аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, мақомотҳои идоракунӣ диққати махсус дода мешавад, ки аз он қабул кардани як қатор санадҳои муҳими давлатӣ далели равшани он шуда метавонад. Аз ин лиҳоз муҳаққиқ кӯшиш намудааст

иттилоотикунонии соҳаи таҳсилоти томактабиро дар якҷоягӣ ба пешрафти соҳа мавриди омӯзишу баррасӣ қарор диҳад.

Чӣ тавре, ки аз таҳқиқоти гузаронидаи унвонҷӯй бармеояд ворид намудани ТИИ ба фаъолияти таълиму тарбиявии муассисаҳои томактабӣ (МТ) салоҳиятнокии техникии кормандонро баланд бардошта маҳорату малакаи ҷустуҷӯ кардани маълумотҳои зарурӣ аз шабакаи Интернет, истифода кардани почтаи электронӣ, ташкилу баргузории омӯхтану паҳн кардани таҷрибаи пешқадам, беҳдошти сифати кори таълиму тарбиявиро таъмин менамоянд.

Таҳлилу баррасии масъалаҳои таълиму тарбияи томактабӣ аз тарафи олимони тоҷик, коркард ва амалигардании заминаҳои барномавӣ-методии соҳаи мазкур аз нигоҳи муҳаққиқ дур намондаанд.

Бояд қайд кард, ки дар кори дисертатсионӣ намудҳои ТИИ, ки дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакони синни томактабӣ мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд ва арзишмандии онҳо дар азхудкунии дониш, маҳорату малакаҳои хурдсолон мувофиқи меъёрҳои пешниҳод намудаи барномаи тарбия ва таълимии кӯдакон “Рангинкамон” нишон дода шудааст.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмии таҳқиқотӣ**

Аз ҷониби муҳаққиқ заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномавӣ-методии ворид намудани ТИИ ба раванди фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳқиқотҳои олимон, арзишмандии намудҳои ТИИ дар кори таълиму тарбиявӣ бо кӯдакон ва роҳу усулҳои аз тарафи мураббияҳо истифодабарии онҳо дар ҳамкорӣ бо волидон, инчунин нақши донишҳои касбӣ-техникии мураббияҳо дар истифодаи самарабахшии технологияҳои инноватсионӣ дар сатҳи фарҳангӣ педагогӣ-иттилоотии онҳо таҳқиқ карда шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқотро муназзамӣ ва дақиқии асосҳои назариявӣ ва диққати асосҳои назариявӣ ва методологии он: таҳия ва баҳисобгирии назария ва амалияи таълиму тарбияи томактабӣ чун зинаи аввали низоми таҳсилоти кишвар: интихоб ва истифодаи дурусти методҳои мувофиқ ба мақсаду вазифаҳо, натиҷагирӣ ва таҳлилу баррасии онҳо дар ҷадвалу диаграммаҳо ташкил намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима ва ду боби мантиқан бо ҳам алоқаманд иборат буда дар зерфаслҳои бобҳои он рафт ва натиҷагирӣ аз кори таҳқиқотӣ бонизом ҷой дада шудаанд. Дар муқаддимаи диссертатсия мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, марҳилаҳо ва асосҳои назариявӣ, сарчашмаҳои маълумотҳо ва заминаҳои эмпирикӣ ва кулли маълумотҳои оид ба натиҷаи кори таҳқиқотӣ оварда шудааст.

Муҳаққиқ дар боби якум, ки **“Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ”** номгузорӣ карда шудааст, дар ду зербоб масъалаҳои зарурияти истифодабарии ТИИ ва заминаи педагогӣ-психологии онҳо, инчунин намудҳои он, ки дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд, таҳлилу баррасӣ намудааст.

Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки дар асри технологияҳои муосири электронӣ, ки он бо суръати тез инкишоф меёбад, истифодаи ТИИ мавриди таҳлилу истифодабарии хурду бузургсол гардида, дар фаъолияти таҳсилотии кӯдакони синни томактабӣ низ мавқеи махсусро ишғол намудааст. Айёми кӯдакӣ, ки он аз тарафи олимон Л.С. Виготский, Д.Б. Элконин ва дигарон давраи махсуси азхудкунии таҷрибаи фарҳангӣ-таърихӣ, айёми нотакрор ва дорои рисолати махсус (Ш.А. Амонашвили), давраи чун гул ба чаман ҳавола будан (Н. Ганҷавӣ) арзёбӣ гардидааст, аз таъсири технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дур монда наметавонад. Дар ҷомеаи муосир истифодабарии дастгоҳҳои сабтгарой, камераҳои нусхабардорӣ, мошинаҳои ҳисоббарор, компютер, тахтаи электронӣ, проектор, сканер, чопгар, технологияҳои биометрикӣ, телефонҳои мобилӣ, планшет, барномаҳои телевизионӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ яке аз воситаҳои омӯзиш ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониш, рушд додани қобилиятҳои ақлию зеҳнӣ ва эҷодкории кӯдакон гардидааст.

Дар диссертатсия таъкид гардидааст, ки дар муассисаҳои таҳсилотии Тоҷикистон воридшавии ТИИ дар асоси тадбиқи “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022", "Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025" пайгирӣ карда шуда истодааст.

Диссертант таъкид менамояд, ки рушди фаъолияти таълиму тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ аз таъмин намудани муассиса бо технологияҳои муосир, ба мисли компютер, тахтаи электронӣ, принтер, китобҳои элекронӣ, китобхонаҳо ба маводи таълимӣ ва шароити мусоиди таълимӣ вобастагии калон дорад. Истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба шохаҳои зерин ҷудо мешаванд:

- истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар вақти ташкили раванди кори таълимӣ-тарбиявӣ бо кӯдакон;
- истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди равобити байниҳамдигарӣ миёни педагогон ва волидон;
- корбурди технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванд ва ташкили корҳои методӣ бо кадрҳои педагогӣ;
- корбарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар идоракунии фаъолияти кормандон;
- назорат, баҳодиҳӣ ба натиҷаи фаъолияти педагогии мураббия.

Бо баробари арзишмандӣ истифодаи ТИИ мушкилотҳоро, ба монанди вобастагӣ ба ТИИ, таъсиррасонии номатлуб ба ҳолати психикӣ, нокифоя будани маҳорату малакаҳо барои истифодабарӣ, маҳдуд будани доираи маводҳои зарурӣ бо забони тоҷикӣ ва ғайраҳоро ба миён оварда метавонад, ки шарҳи пурраи онҳо дар диссертатсия оварда шудааст.

Боби дуввуми диссертатсия "**Амалияи татбиқи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ**" ном гирифтааст, ки дар зербобҳои он масъалаҳои таҳқиқшаванда дар робита ва давоми фаъолияти касбии ҳамдигарӣ таҳлил, таҳқиқ ва натиҷагирию баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аввало, муҳаққиқ кӯшиш намудааст таълимоти моддӣ-техникии муассисаҳои томактабиро ба ТИИ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода

истифодабарии самарабахшии онҳоро дар раванди таълим нишон медиҳад. Сипас бо ташкилу баргузории кори таҷрибавӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ бартарияти истифодаи компютерро дар машғулиятҳои таълимӣ собит намояд. Дар асоси баҳисобгирии қонуният ва хусусиятҳои инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ба интихоб ва истифодабарии бозиҳои компютерӣ диққати махсус дода шудааст. Дар ин давраи синнусолии инкишофи шахсият бозӣ фаъолияти асосӣ ва пешбарандаи кӯдак буда, он дар ҳаёту фаъолияти кӯдакон на танҳо дар муассисаҳои таълимӣ, дар муҳити хонавода ҳам мавқеи хоса дорад.

Бинобарин муҳаққиқ ҳамоҳангсозии андешаи волидонро роҷеъ ба истифодаи ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ ва хонавода пайгирӣ намудааст. Натиҷаи назарсанҷии волидон дар диаграмма оварда шудааст, ки он ҷонибдор будани онҳоро ба истифодаи ТИИ ифода гардидааст.

Яке масъалаи мубрам ва мушкилоти асосӣ ин сатҳу сифати омодагии кормандони муассисаҳои томактабӣ бо истифодабарии техникаву технологияҳои муосири компютерӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар раванди кори таълиму тарбиявӣ, худомӯзӣ ва такмили донишу маҳорати касбӣ-педагогӣ, таъмин намудани бехатарии истифодабарии онҳо дар фаъолияти кории худ мебошад. Дар диссертатсия натиҷаи назарсанҷии маълумоту донишҳои мутахассисон оид ба истифодабарии намудҳои ТИИ оварда шудааст. Боиси таасуф аст, ки сатҳу сифати донишҳои техникӣ, маҳорату малакаҳои истифодабарии онҳо дар фаъолияти касбии кормандон беҳбудиро талаб менамояд.

Дар интиҳои бобҳо ва кулли таҳқиқоти илмӣ хулосаҳо ва тавсияҳои коркардшуда аз натиҷаи кори таҳқиқотӣ пешниҳод гардиданд, ки ифодагари мустақилона ва бомасъулиятона ба анҷом расонидани кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф мебошад.

Арзиши илмии кори диссертатсионии Ёров А.Б. аз дастовардҳои ӯ дар ҷабҳаи муайянкунии ихтилофҳо истифодаи ТИИ дар фаъолияти таълиму тарбиявии муассисаҳои томактабӣ дар асоси таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ

интихоби дурусти асосҳои методологию методҳои эмпирикии таҳқиқоти илмӣ, пешниҳод намудани нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дарёфту пешниҳод намудани навгонӣ, аҳамияти назариявию амалии кори таҳқиқотӣ бармеояд.

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯйи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 – Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ, мутобиқ мебошад.

Мазмуни автореферат ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия бо ҳам мувофиқат менамоянд. Махсусан таҳия ва дастрас намудани дастури таълимӣ-методӣ бо номи "Усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ" (Душанбе, 2021-111с.) хеле арзишманд ҳисобида мешавад.

Дар баробари дастовардҳои муҳими зикршуда диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо орӣ нестанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии ояндаи муҳаққиқ муфид дониста мешаванд:

1. Дар матни диссертатсия истифодаи мафҳуми мутаалиқ ба муассисаҳои томактабӣ гуногун ва мухталифанд. Онҳо омадаанд: муассисаи томактабӣ, муассисаи таълимии томактабӣ, кӯдакистон муассисаи таҳсилоти томакатабӣ. Хуб мешуд дар такя ба Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ, Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз рӯзи таваллуд то 7 (6) солагӣ) ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа як маҳфум мавриди интихоб ва истифодабарӣ мегардид.
2. Қисми озмоишӣ-таҷрибавии кори таҳқиқотӣ ниёз ба такмилу комилгардонӣ дорад

3. Автореферат бо хулосаю тавсияи коркардшуда дар автореферат доираи васеъро фаро гирифтааст, ки онҳоро дар шакли нисбатан кутоҳ арзёбӣ намудан мумкин буд.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатогиҳои имлоӣ ва нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаршуда мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

**Хулоса**

Диссертатсияи Ёров Акмал Борономич дар мавзуи "Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)" кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида буда аз рӯйи мазмун, сохтор ба талаботи муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мувофиқат менамояд.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ
профессори кафедраи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Юнусова Н.М.

*Имзои профессор Н.М. Юнусоваро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.

25.11.22